**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи номзадии Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри ХХ-аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналхалмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)**

Рисолаи номзадии Мамадқулова Рано Олимовна ба яке масоилҳои мубрами замони муосир оид ба ҳамкории ду давлатҳои ҳамсоя ва ба ҳам дӯст иҷро гардидааст, ки дар замони муосир ҷиҳати вусъат додани соҳаҳои гуногуни халқ аҳамияти аввалиндараҷаро доро мебошад.

Муаллиф пеш аз ҳама мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро дар он муайян менамояд, ки муносибатҳои ин ду кишвар дар сатҳи баланди шарикии стратегӣ қарор гирифта пайваста аз ҷониби мақомоти олии ду кишвар эътироф ва эълом дошта мешаванд, ки он заминаи воқеии устуворӣ ва ояндаи нек доштани онҳо мебошад.

Ба андешаи муаллиф мавзӯи ҳамкориҳои ду давлати ҳамсоя, ки дар минтақаи басо муҳимми ҷаҳони муосир-Осиёи Марказӣ ҳамчун саҳнаи бархӯрди манфиатҳои мамолики абарқудрат қарор доранд, дар замони басо душвори имрӯза хеле актуалӣ мебошад. Барои мушахастар шудани асосноккунии мавзуъ муаллиф ба чанд омил таваҷҷӯҳ намудааст, ки далели мубрамияти мавзӯи рисолаи номзадӣ мебошанд:

**Аввалан,** таҳқиқи илмии мавзӯи мазкур барои иддаи калони мутахассисон зарур мебошад.

**Дуюм**, асосҳои ҷамъбасткунанда ва пешниҳодоти умда, ки дар заминаи омӯзиш ва таҳқиқ, таҳлил ва тавсияҳо фароҳам оварда мешаванд, барои сиёсатмадорон ва давлатмардон (ба маънии кормандони масъули давлатӣ), баҳри мутахассисони сохторҳои банақшагирӣ ва стратегӣ ҳамчун дурнамои фаъолият хизмат карда метавонанд.

**Сеюм,** аҳамияти боризи кори таҳқиқотӣ дар заминаи мавзӯи омӯзишӣ дар муайян намудани сатҳи иҷтимоии рӯзгори мардуми ду давлат ва вазъи равонию маънавию халқҳои маскуни ҷумҳуриҳои ҳамсоя таъкид меёбад.

**Чаҳорум**, мубрамии таҳқиқи мавзуъ ва зарурати он ҳамчунин ба омӯзиши бештари вазъи минтақа дар заминаи таъсиргузории мутақобила судманди сиёсиву иқтисодии Тоҷикистону Ӯзбекистон бо он муайян карда хоҳад шуд.

**Панчум,** фарогирии омӯзиши вазъи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ду ҷумҳурӣ барои мутахассисон имкон фароҳам меоварад, ки дараҷаи рушди онҳоро муайян намоянд ва баҳри беҳбудии ояндаи тараққиёт таклифҳои мушаххас пешниҳод кунанд.

**Шашум**, омӯзиш ва таҳқиқи вазъи кунунии ҳамкориҳо барои муайян намудани самтҳои асосии пешбурди сиёсати дохилӣ ва берунии давлатҳои омӯхташаванда аҳамияти ҷиддиро молик мебошад.

**Ҳафтум**, барои сиёсатмадорон, сиёсатшиносон, муаррихон, мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ ва олимону мутахассисони соҳаҳои мухталиф маводи рисолаи мазкур ҳамчун дастур хизмат хоҳад кард.

Вобаста аз мубрамияти мавзуъ муаллиф сохтори рисоларо мураттаб сохтааст, ки дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши он, объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, муқарраротӣ илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назария ва илмии диссертатсия мушаххас карда шуданд.

Дар боби якуми рисола муаллиф масоли **”Заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон”** дар ду зербоб мавриди тадқиқот қарор додааст. Зербоби якум ”Заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: пешдаромади таърихӣ” ном дошта, муаллиф сатҳ ва самтҳои ҳамкориҳои ду халқи бо ҳам ҳамсоф ва дӯстро дар даврони шӯравӣ таҳқиқ ва таҳлил кардааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки таърихи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек басо тӯлонӣ буда, аз давраҳои қадим сарчашма мегирад ва марҳилаҳои басо сарнавиштсоз ва мураккабро аз сар гузаронида, то замони мо расидааст.

Боби дуюм- **“Вазъ ва вижагиҳои ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар қаринаи сиёсати дарҳои кушод”** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якум “Ҳамкориҳои илмиву фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон” ном дошта исботи он фарзия аст, ки дар низоми муносибатҳои дуҷонибаву чандҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон робитаҳои фарҳангии ду кишвар мақоми хоса дорад.

Дар хулоса натиҷаҳои бадастомада, тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф оварда шудаанд, ки дар замони муосир аҳамияти муҳимеро доро мебошанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло вобаста аз хусусияти актуалии мавзуи интихобшуда, сохтор ва мазмуни кор тадқиқоти илмии пурра ва ҷавобгу ба талаботи ихтисоси 07.00.15- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) баҳисоб рафта муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

**Муқарризон:**
**Номзади илмҳои таърих, дотсент,**
**декани факултети таърих ва ҳуқуқи**
**ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров** **Ҷабборзода И.Р.**

**Номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДХ**
**ба номи академик Б. Ғафуров** **Абдукаримов Ҷ.А.**

**Имзои дотсентон Ҷабборзода И.Р. ва**
**Абдукаримов Ҷ.А.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров** **Наврузов Э.М.**

735710, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел.: +992 92 773 17 78; + 992 92 832 07 79
E.mail: abdukarimov_1979@mail.ru

"_13_" ___03___2024 с.